«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори
ҶСДММ «Спитамен Суғурта»
аз «26» марта 2021 сол, № 13/21

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ МОЛУ МУЛК

**Душанбе - 2021**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи мазкури суғуртаи ихтиёрии молу мулк, ки (минбаъд «Қоида» ё «Қоидаи суғурта номида мешавад), мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, шарт ва тартиби аз ҷониби Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен Суғурта» (минбаъд «Суғуртакунанда»), бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (минбаъ "Суғурташаванда") бастан, иҷро, тағйир ва қартъ гардидани шартномаи ихтиёрии суғуртаи молу мулкро ба танзим медарорад.

1.2. Дар асоси шартҳои Қоидаи мазкур молу мулки манқул ва ғайриманқули ба шахсони воқеи ва шахсони ҳуқуқӣ бо ҳуқуқи моликият, иҷора ё ҳуқуқи ба ашё тааллуқ доштаро суғурта кардан мумкин аст. Молу мулкро ба пуррагӣ, ҳамчунин қисми онро суғурта кардан мумкин аст.

1.3. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта бо шартҳои дар Қоидаи суғуртаи мазкур пешбинишуда, шартҳои Қоидаи мазкур қисми ҷудонашавандаи Шартномаи суғурта ба ҳисоб рафта, барои Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳатмӣ мебошанд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

– **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкӣ Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

– **ташкилоти суғуртавӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

– **суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

– **фоидагиранда** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғуртавӣ таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

– **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

– **тарифи суғуртавӣ** - арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

– **ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартномаи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулк суғурташуда расонида пардохт менамояд;

– **мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** - маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда ухдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мухлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

– **маблағи суғурта** - маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **ҳодисаи суғуртавӣ** - воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

– **шартномаи суғурта** - шартномае, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст, ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст, ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

– **полиси суғуртавӣ** - ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

- суғуртаи молу мулк – намуди суғурта, ки ба андозаи қисман ё пурра пардохт намудани ҷуброни суғуртавиро барои зараре, ки ба манфиатҳои молумулкии шахс вобаста ба соҳибӣ, истифодабарӣ, ихтиёрдории молу мулк дар натиҷаи вайрон, нобуд шудан ё дуздидани он расонида шудааст, пешбинӣ менамояд;

- **муҳлати кафолатӣ** –давраест, ки дар давоми он талаботҳои Суғурташаванда (Фоидагиранда) бинобар ошкор гардидани камбудиҳои ҷойдошта (вайрон шудан) бояд аз тарафи фурушандаи (истеҳсолкунанда) молу мулки суғурташуда, бинобар муқаррар шудани муҳлати кафолатӣ ё тибқи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (уҳдадориҳои кафолатии фурӯшандаи (истеҳсолелкунанда) молу мулк) дар Қоидаи суғуртавӣ ва ё Шартномаи суғурта қайд ва/ё муайянкардашуда қонеъ гардонида мешаванд;

- **франшиза** – маблағи дар шартномаи суғуртавӣ пешбинишуда дар ҳаҷми муқарраргардида, ки дар ҳудуди он Суғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ (пардохти ҷуброни суғуртавӣ) озод карда мешавад.

- **маснуоти маҷмуӣ-** маснуоти маҷмуӣ стандартӣ ва иловагӣ шуда метавонад:

▪маснуоти маҷмуии стандартӣ қисмҳои ивазшаванда ва/ё таркибии молу мулк буда, дар якҷоягӣ маҷмуи пурраи муайянкардаи истеҳсолкунандаро ташкил медиҳад ва дар ҳайати чунин маҷмуъ аз фурушандаҳо харидорӣ шудааст;

▪ маснуоти маҷмуии иловагӣ – қисматҳои ивазшаванда ва/ё таркибии молу мулк дар шакли омада ба истифодабарӣ харидорӣ шудааст, ҳамзамон молу мулк тибқи таъминоти худ ҳам бо маснуоти маҷмуии иловагӣ, инчунин бе он истифода бурда мешавад;

- **дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, тасарруф**, мутобиқи муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

- **ҷойҳои ҷамъиятӣ** – ҳамаи қисматҳои ҳама биноҳо, қитъаҳои замин, кучаҳо ё дигар ҷойҳое, ки барои аҳолӣ доимо, давра ба давра ё вақт ба вақт дастрасу кушода мебошанд. Аз он ҷумла ҳама гуна объектҳои тиҷоратӣ, хизматӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, маданӣ, динӣ, давлатӣ, фароғатӣ, иртиҷоӣ ва/ё ба амсоли ҳамин объектҳое, ки барои аҳолӣ дастрасу кушодаанд фаҳмида мешаванд. Ҷойҳои ҷамъиятие, ки бештар паҳн шудаанд, мағозаҳо, нуқтаҳои савдо, дискотека, клубҳои шабона, тарабхонаҳо, тарабхонаҳои пивонушӣ, қадаҳӣ, дигар ҷойҳое, ки хизматрасониро дар соҳаи савдо ва



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

хуроки ҷамъиятӣ , ташкилоти фарҳангӣ, аз он ҷумла синамо, театрҳо, сиркҳо, ташкилотҳои тиббӣ, муассисаҳои ҳифзи саломатӣ, ташкилотҳои дигар, ки хизматрасонии тиббиро анҷом медиҳанд (масалан беморхонаҳо ва поликлиникаҳо) агар Фоидагиранда ва/ё хешовандони наздики Фоидагиранда, дар он ҷо бо бистарӣ бо статсионари шабонаруз қарор надорад; ташкилотҳои кудакона ва маъорифӣ (клубҳои варзишӣ, аспсаворӣ, шоҳмотбозӣ ва клубҳои дигарва марказҳо) инчунин муассисаҳои таълимӣ9ё ташкилоти таълимӣ, ки дар шакли дигаргуни ташкили ҳуқуқӣ таъсис дода шудаанд, новобаста аз шакли моликӣ (боғчаи кудакона. Мактабҳо, хона интернат кудакона, мактабҳои кудаконаю наврасон), китобхонаҳо; ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ-беҳдоштӣ (тандурустӣ) ва варзишӣ; муассисаҳо/ ҳавзҳои шиноварзӣ, майдончаи яхмолакбозӣ, марказӣ, боғҳо, гулгаштҳо ва ғайраҳо;

- **шахсони сеюм** – ҳама гуна шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо истиснои Суғуртакунанда, Суғурташаванда, Фоидагиранда, Шахсони суғурташуда, аъзоёни оилаи Суғурташаванда (Фоидагиранда, Шахси суғурташуда) мебошанд;

- **IMEI (International Mobile Equipment Identifier)** –маълумоти ҳатмие мебошад, ки бо худ рақаи 15 адад доштаро, ки барои ҳар як воситаи расман истеҳсолкардаи алоқаи мобилӣ (телефони мобилӣ) ягонаву нотакрор ё тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалӣ ва анъанаҳои (урфу одатӣ) мубодилаи корӣ (тиҷоратӣ), рақами дигарро ифода медиҳад;

- **"СПИТАМЕН МОБИ"** маҳсулоти навӣ суғуртавӣ, ки дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиерии молум мулк таҳия гардида, дорои бастаҳои муайяни суғуртакунӣ (бо андозаи муқаррарии мукофот ва маблағӣ суғуртавӣ) буда, шартҳои суғуртакунии он тибқи Тартиб оид ба танзими моли суғуртаи ихтиёрии молу мулк «Спитамен Моби» ба танзим дароварда мешавад;

- **"ХОНАИ БЕХАТАР"** маҳсулоти навӣ суғуртавӣ, ки дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиерии молу мулк таҳия гардида, дорои бастаҳои муайяни суғуртакунӣ (бо андозаи муқаррарии мукофот ва маблағӣ суғуртавӣ) буда, шартҳои суғуртакунии он тибқи Тартиб оид ба танзими моли суғуртаи ихтиёрии молу мулк «Хонаи Бехатар» ба танзим дароварда мешавад.

## 3. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Объекти суғурта – ин манфиатҳои молу мулкии Суғурташаванда (Шахси суғурташуда, Фоидагиранда) мебошанд, ки ба қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, ба ҳифзи молу мулк равона карда шудааст.

3.2. Аз рӯи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоида баста шудааст, молу мулки ғайриманқул суғурта шуда метавонад:

Объектҳои ғайриманқул дар умум (бино ва иншоотҳо), инчунин қисмҳо ва унсурҳои алоҳидаи онҳо (қисми бино, манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, ороишҳои дохилӣ, таҷҳизоти муҳандисӣ).

3.3. Зери мафҳуми ороишҳои дохилӣ ороиши деворҳо, шифт, фарш, бо намудҳои панелҳои ороишии гуногун, сафолакпораҳои пластикӣ ва кулолгарӣ, девораҳои ғайриасосии ба ду тараф кушодашавандаи дохили бино, рӯйпӯшҳои фарш, шифти



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

овезонкардашуда, таҷҳизоти техникаи санитарии ба таври статсионарӣ (доимӣ) гузошташуда, пайвандиҳои статсионарӣ барои асбобҳои равшанидиҳанда ва пардаовезак, плинтус (зеҳтахтаи роғҳои байни фарш ва девор), зертахтаи дохилии тиреза, блокҳои дар ва тиреза, дарҳо, аз ҷумла қулф ва дастаҳои дар, зеҳтахтаҳо, унсурҳои ороиши бадеии фарш, девор, шифт фаҳмида мешавад.

3.4. Зери мафҳуми таҷҳизоти муҳандисӣ ситемаи барқу газу об ва гармидиҳӣ, аз чумла, дегҳо ва батареяҳои гармкунӣ, системаи канализатсия, системаи ҳаводиҳию ҳавокашӣ, системаи марказонидашудаи ҳавотозакунӣ ва конденсатсиякунии ҳаво, системаҳои ҷойгиркардашудаи огоҳӣ ва хомӯшкунии сӯхтор, лифтҳо ва таҷҳизотҳои лифтӣ, ки дар даруни девор, фарши бино пинҳон карда шудаанд ва қисмҳое, ки ба он дохиланд, мисли сими барқ, кабелҳои барқ, телефон, телевизион, ситемаҳои телекоммуникатсионӣ, фаҳмида мешаванд.

3.5. Тибқи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоида баста шудааст, молу мулки манқул суғурта шуда метавонад. Ба молу мулки манқул гурӯҳи зерини молу мулк дохил мешаванд:

– таҷҳизот ва мошинҳои саноатӣ/истеҳсолӣ/ савдо ва технологӣ, аз ҷумла, таҳкурсиҳои мошинҳои истеҳсолотӣ ва ба он монанд;

– мебел, таҷҳизоти техникӣ ва идора, асбобу анҷоми хоҷагидорӣ ва ашёи дохили бино, агар онҳо арзиши бадеӣ ё антиқавӣ надошта бошанд;

– таҷҳизоти компютерӣ ва оргтехника, техникаи электронӣ ва маишӣ;

– арзишҳои молию моддӣ;

– молу мулке, ки дар оянда ба даст оварда мешавад;

– молу мулки дигари манқул, ки дар шартномаи суғурта нишон дода шудааст ва аз моддаҳои дигари Қоида бароварда нашудааст.

3.6. Дар ҳолате ки ҳар як воҳиди молу мулки суғурташуда ба таври алоҳида дар шартномаи суғуртавӣ нишон дода нашуда бошаду танҳо гуруҳи молу мулк, аз рӯи нишонаҳои таснифотӣ оварда шуда бошад, (масалан, мошин, таҷҳизот, мебел ва асбобу анҷоми хоҷагидорӣ ва амсоли онҳо) зери молу мулки суғурташуда ҳамаи ашёи дар территорияи суғурташаванда, ки қисми чунун гуруҳҳои молу мулк ба ҳисоб мераванд, аз ҷумла он молу мулке, ки дар лаҳзаи бастани шартномаи суғуртавӣ мавҷуд буд ва он молу мулке, ки минбаъд ба он гурӯҳ ҳамроҳ карда шуда буд, аз ҷумла молу мулки шахсони сеюм, ки ба Суғарташаванда барои нигоҳдорӣ, таъмир ва амсоли он таҳвил дода шудааст, агар он бо шартномаи дигар суғурта нашуда бошад, фаҳмида мешавад.

3.7. Суғуртакунӣ, мутобиқи Қоидаи мазкур инчунин ба молу мулки кормандони Суғурташаванда ва хешони ӯ (танҳо барои Суғурташаванда, ки шахси воқеӣ аст), ки одатан ё бо талаби Суғурташаванда дар ҳудудди суғуртавӣ мавҷуд аст ва барои фаъолияти хоҷагидорӣ, агар он бевосита дар шартномаи суғуртавӣ нишон дода шуда бошад, низ паҳн мегардад. Фоидагиранда дар ин сурат соҳибони ин молу мулк (шахси воқеӣ) ба ҳисоб мераванд.

– дастнависҳо, нақшаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар (иттилооти ҳуҷҷатноккардашуда) дар шакли қоғазӣ ва электронӣ;

– чопи сангӣ, нақшаҳо, пленкаҳои негативӣ, клише, ки барои аз нав тасвиркунӣ сохта шудаанд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– моделҳо, намунаҳо, қолабҳо ва амсоли онҳо;

– барандагони техникии маълумотҳо, системаи роҳбарикунанади электронӣ ва барномаи истифодабарии умум;

– таҷҳизоти истеҳсолии аз кор монондашуда (вақти зиёд истифоданабаранда);

– замин ва хок;

– объектҳои сохтмон ва ё монтажи баохирнарасида, бинои барои тармими умумӣ холикардашуда ва ё бо сабаби дигар ба мӯҳлати зиёд дар ҳолати аз кор мондашуда (зиёда аз 60 рӯз).

3.8. Мутобиқи Қоидаи суғуртавӣ суғуртаи мазкур паҳн намегардад ба:

– захираҳои обӣ ва канданиҳои фоиданок, ки аз қаъри замин гирифта нашудаанд;

– наботот, ҳайвонот ва микроорганизмҳо;

– иншоот ва молу мулки дигар, ки дар баҳри кушод ва дар сарҳади тунукобаи континеталӣ, аз ҷумла мино (маяк) платформаҳои нафтӣ ва амсоли онҳо;

– маводҳои тарканда ва захираҳои ҷангӣ;

– партовгоҳҳо барои партов;

– таҷҳизот ва молу мулки дигар, ки дар доираи сӯхтани маводи ядроӣ истифода бурда мешавад;

– бино ва иншоотҳое, ки аз тарафи мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ҳолати садамавӣ эътирофшуда ва инчунин молу мулки дар ингуна биноҳо (иншоотҳо) мавҷудбуда;

– молу мулке, ки дар минтақаи аз тарафи мақомоти салоҳиятдори давлатӣ минтақаи офати табиӣ эътироф шудааст, ба шарте, ки ин гуна эълон то санаи бастани шартномаи суғуртавӣ эълон карда шуда бошад;

– молу мулке, ки муҳлати истифодабарии он дар лаҳзаи бастани Шартномаи суғурта аз меъёри муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта барзиёд аст;

– Молу мулке, ки ҷисман фарсудагии он 50 фоиз ва зиёда аз он фоизро ташкил медиҳад.

3.9. Аз рӯи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоида баста шудааст, хароҷотҳои Суғурташаванда, ки ҳангоми бартарафнамоии оқибатҳои ҳодисаи суғуртавӣ кардааст ва ё мекунад, суғурта шуда метавонанд, яъне:

- Хароҷот барои тоза кардани ҷойи зарар (ҷойи пайдоиши ҳолати суғуртавӣ) аз ҷумла вайронкунии қисмҳои боқимондаи молу мулки суғурташуда, баровардани партовҳо, ки дар натиҷаи фаро расидани ҳодисаҳои суғуртавӣ пайдо шудааст ва боқимондаҳои дигар ба партовгоҳи наздиктарин ва зери хок гӯрондани онҳо, несткунӣ, сӯхтан (хароҷот барои тозакунӣ ва вайронкунӣ).

Агар дар натиҷаи офати табиӣ ҷойи зарар аз территорияи суғурташуда берун барояд, он гоҳ танҳо хароҷот барои тозакунӣ, ки ба молу мулки суғурташуда тааллуқ дорад, пардохт карда мешаванд.

Хароҷотҳои мазкур мутаносибан ба маблағи суғуртавӣ ба арзиши молу мулки суғурташуда, агар чизи дигар дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, пардохт карда мешаванд.

- Хароҷотҳое, ки дар раванди таҷдид намудани молу мулки суғурташуда то ҳолате, ки он бевосита то фаро расидани ҳолати суғуртавӣ дошт, ё барои молу мулки нави



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

харидоришуда, молу мулки дигар, ки аз ҷой ҷунбонда, тағйир, ё ҳифз шудааст (хароҷот барои ҷойивазкунӣ ва ҳифз) карда шудааст.

Аз ҷумла, зери мафҳуми хароҷот барои аз як ҷо ба ҷойи дигар гузаронидан ва ҳифз хароҷотҳои барои таҷзияи ва такроран васлкунии таҷҳизоти мошинӣ, майдакунӣ, вайрон кардан ё аз нав барқарор кардани унсурҳои бино ё васеъ кардани гузаргоҳҳо фаҳмида мешавад.

Хароҷотҳои мазкур мутаносибан ба маблағи суғуртавӣ нисбат ба арзиши молу мулки суғурташуда, агар он дар шартномаи суғуртавӣ чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад, пардохт карда мешавад.

- Хароҷотҳои оқилона ва мақсадноки Суғурташаванда, ки дар натиҷаи дуздӣ бо шикаста даромадан, дуздӣ ё тороҷ вобаста ба ивазкунии қулфҳо ё калидҳо, ғайр аз калидҳои сейф ва хонаҳо барои сейф ба миён омадаанд.

3.10. Ҳангоми суғуртакунӣ аз шикастани зарфҳои шишагӣ Суғуртакунанда инчунин хароҷотҳои бо он алоқамандро пардохт менамояд:

– ивазкунии муваққатии шишаҳои шикаста дар сурати набудани имконият барои таъҷилӣ иваз кардани шишаҳо пурра бо шишаҳои ба шишаиҳои шикаста шабоҳатдошта;

– васлкунӣ ва таҷзияи предметҳо, ки барои иваз кардани шишаҳои шикаста (жалюз, панҷара ва амсоли он) монеъ мегардад;

– ба иҷора гирифтан ва васлкунии чӯббандҳои сохтмонӣ, агар он барои иваз кардани шишаҳои шикаста дар ошёнаҳои боло зарур бошад;

– рангкунӣ, нақшу нигор, кандакорӣ ё зебу зинати дигари шишаҳои шикаста;

– васлкунӣ ва пайваскунии дастгоҳҳои шикастаи равшаншавандаи рекламавӣ.

3.11. **Хароҷотҳои дар боло зикргардида танҳо он вақт пардохт карда мешаванд, ки агар бевосита дар шартномаи суғуртавӣ пешбинӣ шуда бошанд.**

3.12. Дар иловагӣ ба ҷуброни зарари ба молу мулки суғурташуда дар натиҷаи фаро расидани ҳолати суғуртавӣ расондашуда, Суғуртакунанда инчунин ҷубронпулии оқилона ва мақсадноки Суғурташаванда ҷиҳати кам кардани зарар, ки бояд аз тарафи Суғуртакунанда пардохт шавад (хароҷот барои наҷотдиҳӣ) ҷуброни суғуртавӣ медиҳад, агар ин гуна хароҷотҳо зарур ё бо супориши Суғуртакунанда сурат гирифта бошанд.

Хароҷотҳои мазкур, дар сурати мутаносиб будан ба объекти эминшаванда аз тарафи Суғуртакунанда пардохт карда мешаванд, ҳатто агар он натиҷаи самарабахши мусбӣ надода бошад.

Хароҷотҳои нишондодашуда мутаносибан ба маблағи суғуртавӣ нисбат ба арзиши суғуртавӣ новобаста аз он, ки маблағи умумии ҷуброни суғуртавӣ метавонад аз маблағи суғурта зиёд бошад.

3.13. Ҳамаи хароҷотҳои суғурташудаи дар боло овардашуда, баробари ба охир расидан, подош мешаванд.

3.14. Тибқи мувофиқа байни Суғурташаванда ва Суғуртакунанда дар шартномаи суғуртавӣ намудҳои дигари суғурта пешбинӣ шуда метавонад.

3.15. Агар муқаррар карда шавад, ки Шартномаи суғурта нисбати молу мулки дар Қоидаи мазкур зикргардида, аз он ҷумла бинобар ҳангоми бастани Шартномаи суғурта аз ҷониби Суғурташаванда пешниҳод намудани маълумоти бардуруғ баста шудааст, он



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

гоҳ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки чунин Шартномаи суғурта беэътибор дониста шавад.

## 4. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Тибқи Қоидаи мазкур субъекти суғурта Суғуртакунанда, Суғурташаванда, Фоидагирандаро эътироф карда мешаванд.

4.2. Ба сифати Суғуртакунанда ҶСДММ «Спитамен Суғурта», ки барои амалӣ намудани намуди дахлдори суғурта иҷозатнома (литсензия) дорад, баромад мекунад.

4.3. Суғурташаванда шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ ба ҳисоб меравaнд, ки бо Суғуртакунанда шартномаи суғурта бастаанд.

4.4. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад дар мавриди бастани шартномаи суғурта шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта ҳамчун фоидагиранда таъин намояд.

4.5. Вобаста ба суғуртаи молу мулк (ба ғайр аз техникаи мобилӣ (портативӣ)- ҷойгиршавии молу мулки суғурташуда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зери мафҳуми ҷойгиршавӣ танҳо суроғаи мавқеи дар Шартномаи суғурта дарҷгардида фаҳмида мешавад.

4.6. Вобаста ба суғуртаи мобилӣ (портативӣ) – ҳудуди дар Шартномаи суғурта ишора шуда.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1 Ҳодисаи суғуртавӣ – ҳодисаи баамаломадае, ки бо шартҳои Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст ва бо сар задани он уҳдадориҳои Суғуртакунанда оид ба пардохти суғуртавӣ (пардохти суғуртавиро ба амал баровардан) ба Суғурташаванда (шахси суғурташаванда, Фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавие, ки бо Шартномаи суғурта муайян шудааст, ба вуҷуд меояд.

5.2. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда зарарҳои дар натиҷаи **сӯхтор, задани раъду барқ, таркиш, афтидани предметҳои бегона** пардохт менамояд.

5.2.1. Зери мафҳуми сӯхтор сӯхтан ба намуди оташфурӯзии кушод ё кӯрдуд сӯхтан, ки на дар ҷойи махсуси ҷудокардашуда ё худ берун аз ҳудуди ин гуна ҷой паҳн гаштааст ва метавонад мустақилона паҳн гардад, фаҳмида мешавад.

5.2.2. Зери мафҳуми зарари бевоситаи аз сӯхтор ба молу мулки суғурташуда расида, ҳарорати баланд, маводи сӯзиш (дуд, сиёҳии дуд ва ба он монанд) инчунин зарари расонидашуда ба молу мулки суғурташуда ҳангоми иҷрои чорабиниҳо оид ба хомӯш кардани сӯхтор.

5.2.3. **Дар доираи суғуртакунӣ аз сӯхтор аз тарафи Суғурташаванда пардохт карда намешавад**:

- Зарари ба молу мулки суғурташуда дар натиҷаи ба он расонидани таъсир бо оташ ё гармӣ бо мақсади коркард аз нав коркардаборой ё мақсадҳои дигар (хушккунӣ, ҷӯшонидан, дарзмолкунӣ, дудкунӣ, бирёнкунӣ, гармкунӣ, коркарди гарм ё обшавии фулуз ва ғайра) расонидашуда;

- Зарари ба молу мулки суғурташуда дар натиҷаи парсӯз кардан ё сӯзонда тоза кардан бо ангишти сӯхтаистода, ки аз камин, печ ва дастгоҳҳои ба он монанд афтидаан,



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

сигарета ё сигара, лампаи кафшеркунӣ ва предметҳои ба он монанд, ё парсӯз кардан дар натиҷаи якбора баромадани оташ аз ҷойи махсуси барои он ҷудокардашуда, ғайр аз ҳолатҳои пайдоиши оташ, расонидашуда;

- Зарари бо дастгоҳҳои барқӣ дар натиҷаи таъсири ҷараёни барқ (аз ҷумла расиши кӯтоҳ, баланд рафтани қувваи ҷараён ё шиддат) бо шарора ҳамроҳикунанда ё ҷудокунии гармӣ. Ғайр аз ҳолатҳои пайдоиши шӯълаи кушод, расонидашуда. Зери мафҳуми дастгоҳҳои барқӣ мутобиқи Қоида ҳамагуна объектҳо, ки дар он истеҳсолот амал мекунад, интиқол, тағйирёбӣ ё истифодабарии қувваи барқ, аз ҷумла кабел ва симҳои барқӣ, фаҳмида мешавад.

5.2.4. Зери мафҳуми зарбаи гулӯлабарқ бевосита расидани безараршавии барқи атмосферӣ (разряд) ба молу мулки суғурташуда фаҳмида мешавад.

5.2.5. Зери мафҳуми зарари дар натиҷаи зарбаи гулӯлабарқ расонидашуда, зарари ба молу мулки суғурташуда дар натиҷаи таъсири бевоситаи термикӣ ё электродинамикии гулӯлабарқ расонида, фаҳмида мешавад.

5.2.6. **Зарари расонида ҳодисаҳои суғуртавӣ ҳисоб намегардад ҷуброни суғуртавимро пардохт карда намешавад:**

5.2.6.1. Бо барқ ва дастгоҳҳои барқӣ дар натиҷаи пасту баланд шудани ҷараёни барқ ё индуксия, агар чизи дигаре дар шартномаи суғуртавӣ пешбинӣ нашуда бошад;

5.2.6.2. Ҳама гуна эҳтиёткунандаи муҳофизатӣ, барқхомӯшкунаки муҳофизатӣ, барқгардон ва таҷҳизоти дигари монанд дар рафти истифодабарии оддии онҳо.

5.2.7.Зери мафҳуми таркиш раванди босуръат гузарандаи озодшавии миқдори зиёди энергия дар ҳаҷми маҳдудшуда дар давраи кӯтоҳи вақт, бо кӯшиши васеъшавии газ ё буғ фаҳмида мешавад.

5.2.8. Мутобиқи Қоида ҷуброни суғуртавӣ бо сабаби таркиши газӣ бо мақсади маишӣ ё истеҳсолӣ истифодабаранда, таркиши дегҳои буғ, ҷойҳои нигоҳдории газ, налҳои газ, зарфҳои зери фишор кормекарда ва дастгоҳҳои ба он монанд, инчунин таркиши маводҳои таркишӣ пардохта мешавад.

5.2.9. Таркиши зарф (дег, нали газ ва ба он монанд) мутобиқи Қоида танҳо он вақт таркиш эътироф карда мешавад, ки девори зарф ба дараҷаи кофӣ канда шавад ва фишори дарун ва беруни зарф дар як лаҳза баробар гардад.

5.2.10. Агар таркиш дар даруни зарф бо сабаби тағйирёбии химиявӣ рух диҳад, зарари ба зарф расонидашуда, ҳатто ҳангоми деворҳои зарф канда нашудан, чӣ тавре, ки дар боло нишон дода шудааст, пардохт карда мешавад.

5.2.11. Ҳодисаи суғуртавӣ ҳисоб намегардад ва ҷуброни суғуртавӣ аз тарафи Суғуртакунанда барои зарар дар ҳолатҳои зерин пардохт карда намешавад:

5.2.11.1. Дар натиҷаи таркиш, ки дар доираи иҷозатдодашудаи фаъолияти Суғурташаванда ё шахсони сеюм ба амал омадааст;

5.2.11.2. Ба таҷҳизоти мошинӣ дар натиҷаи таркиш дар дохили камераи дарунсӯз (силиндри муҳаррик);

5.2.11.3. Дастгоҳҳои барқии коммутатсионӣ бо фишори газ дар дохили онҳо;

5.2.11.4. Дар натиҷаи таркиш, ки раванди одии таркибии истеҳсолӣ мебошанд;

5.2.11.5. Дар натиҷаи кам шудани фишор дар дохили зарф (имплозия);

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

5.2.11.6. Ба худи зарфҳо дар натиҷаи таркиш бо сабаби хӯрдашавӣ, зангзании бениҳоят, карахш (накип) дурда ва тахшинҳо дар деворҳои он.

5.2.12. Зери мафҳуми афтидани предметҳои бегона, ки молу мулки суғурташуда таъсири бевоситаи сангҳо, метеорит, тана ва ё шохаҳои дарахт, симчӯбҳо (аз ҷумла симчӯбҳои равшаникунакҳо ва ғайра), мошинҳои сохтмонии борбардор ва механизмҳои дигари сохтмонӣ, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои пешбининашуда хислати табиӣ ё техногенӣ афтида, инчунин таъсири бевоситаи дастгоҳҳои идорашавандаи парвозӣ ё задухӯрд бо онҳо, ё афтидани қисмҳои шикастаи он ё бор, фаҳмида мешавад. Дар баробари ин зарарҳои дар натиҷаи афтидани чизҳои қоқ (дарахтон ё буттаҳои аз реша қоқшуда), ки дар территорияи суғурташуда мавҷуданд, пардохт намешаванд.

5.2.13. Зери мафҳуми товони зарар аз дастгоҳҳои парвозкунанда, танҳо зарари бевосита ба молу мулки суғурташуда таъсир расонидаи дастгоҳи парвозкунандаи афтида, пораҳои он ё бор фаҳмида мешавад.

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда зарарҳои дар натиҷаи офатҳои зерини табиӣ бавуҷудомадаро пардохт менамояд:

- тӯфон;
- жола;
- обхезӣ;
- заминларза;
- оташфишонии вулқон;
- шиштани хок, ярч, тарма.

6.2. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда ҷуброни суғуртавиро дар натиҷаи вайроншавӣ аз об ё моеъҳои дигар (залив) аз системаи бо об таъминкунӣ, обу корезӣ, гармидиҳӣ ва системаҳои автоматии оташхомӯшкунӣ бо об расидаро, пардохт менамояд.

6.3. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда ҷуброни суғуртавии дар натиҷаи дуздӣ бо шикаста даромадан, дуздӣ ё тороҷ ва дуздиву тороҷ ҳангоми ҳамлу нақл расидаро, пардохт менамояд.

6.4. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда ҷуброни суғуртавии зерини дар натиҷаи амалҳои бадқасдонаи шахсони сеюм, ки барои вайрон ва несту нобуд кардани молу мулки суғурташуда равона карда шудааст ва аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мутобиқи Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф гардидааст, пардохт менамояд:

– барқасдона несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (моддаи 255 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– авбошӣ (моддаи 237 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– вандализм (моддаи 237(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ё мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун:

– майдаавбошӣ (моддаи 460 Кодекс оид ба қонунвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

6.5. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда зарарҳои дар натиҷаи пахш кардани воситаҳои нақлиёт, таъсири дуд, зарбаи овозӣ расидаро пардохт менамояд.

6.5.1. Зери мафҳуми пахш кардани воситаҳои нақлиёт нусту нобуд ё вайроншавии молу мулки суғурташуда дар натиҷаи бо нақлиёти роҳи оҳан ё автомобил ба ҳамдигар бар хӯрдан ё бори кашондашаванда фаҳмида мешавад.

Зарарҳои зерин пардохт карда намешаванд:

– зарари расонида ба воситаи нақлиёт (бори бо он кашондашаванда), ки Суғурташаванда, кормандони Суғурташаванда ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ, инчунин хешу табори Суғурташаванда идора мекарданд, агар Суғурташаванда шахси воқеӣ бошад;

– Рӯйдодҳо ҳангоми ҳаракати объектҳои суғурташуда бо роҳи автомобилгард (роҳи истифодаи умум)

6.5.2. Зери таъсири дуд ҳамагуна вайроншавии молу мулки суғурташуда дар натиҷаи ихроҷи ногаҳонӣ ва номувофиқи дуд аз таҷҳизоти гармидиҳӣ, гармкунакҳо, таҷҳизоти хушккунӣ ё таҷҳизот барои тайёр кардани хӯрок, ки дар территорияи суғурташуда мавҷуд аст, фаҳмида мешавад.

Суғуртаи мазкур зарарҳои дар натиҷаи вайрон кардани Қоидаи истифодабарии таҷҳизоти номбаршударо, мутобиқи шиносномаи техникӣ ва тавсияҳои истеҳсолкунанда расида, намепӯшонад.

6.5.3. Зери мафҳуми зарбаи овозӣ мавҷҳои овозии аз дастгоҳи парвозкунандаи аз монеаи овозгузаранда мебаромада фаҳмида мешавад.

6.6. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда зарарҳои дар натиҷаи шикастани шиша ба миён омадаро пардохт менамояд.

Зери шиша фаҳмида мешавад:

– шишаҳои дар ва тиреза, деворҳои шишагӣ, витрина ё маснуоти монанд аз шиша, ки ба чорчӯбаҳои дар ё тиреза монда шудаанд, ё дар ҷойи мустаҳкакунии он чун унсурҳои конструктивии (унсурҳои ороишӣ, дохили бино) бино, иншоот, манзил ва объектиҳои дигари ғайриманқул васл карда шудааст;

– дастгоҳҳои рекламавии барқӣ бо истифодабарии қисмҳои шишагин ё масолеҳи дигар, ки рӯшноиро мегузаронанд ва лампаҳои неонӣ ва монанди онҳо.

Зери шикастан он вайроние фаҳмида мешавад, ки тамоми ғафсии шишаи зарардида кафида бошад. Зарари танҳо аз сатҳи болои шишаи мегузашта (масалан, харошидашуда, сколаҳо) инчунин надониста ва ё дидаву დониста ранг кардани шишаҳои суғурташуда, пардохт карда намешавад. Инчунин зарари бевосита ё бавоситаи ба корҳои зерин алоқаманд, пардохт намешавад:

– Гирифтан ё таҷзияи шиша ё қисмҳои шишагин аз чорчӯбаҳои тиреза ё аз ҷойи дигари доимо мустаҳкамбуда;

– Гузаронидани корҳои сохтмонию васлгарӣ ё корҳои таъмир дар бино (иншоот);

– Шиштани хоки зери биноҳои нав.

6.7. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда зарарҳои дар натиҷаи таъсири бевосита ё ногаҳон ба молу мулки суғурташуда аз берун расидаи ягон омили зараррасони воқеӣ, ки аз хавф фарқ мекунад ва он метавонанд мутобиқи Қоида суғурта шавад ва аз Қоида

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

(суғуртакунӣ аз хавфҳои дигари таъсири беруна) бароварда нашудаанд, пардохт менамояд.

Дар доираи моддаи мазкур зери зиён тағйиротҳои номусоиди ҳолати физикии молу мулк фаҳмида мешавад. Зиёни расонидашуда ҳисоб намегардад, агар ягон нуқсон то оғози амалишавии шартномаи суғуртавӣ мавҷуд бошад. Тағйиротҳои ҷузъӣ, ки арзиши молу мулкро паст намекунад, чун зиён баррасӣ карда намешавад. Гум шудан, ғайб задан, норасоӣ ё дуздии молу мулк, аз ҷумла дар натиҷаи тафтиши аудиторӣ ё барӯйхатгирӣ маълумгашта, ҳолати суғуртавӣ ҳисоб намеёбад.

Зери зиёни пешбининашуда зиёне, ки фарорасии онро Суғурташаванда ё кормандони ӯ дар асоси ҳамаи маҳорати касбии барои амалӣ намудани фаъолияти худ, пешбинӣ накардаанд ва пешбинӣ карда наметавонистанд, фаҳмида мешавад.

6.8. Ҷуброни суғуртавӣ нисбат ба иттилооти ҳуҷҷатикардашуда дар барандагони техникӣ, танҳо дар он сурат пардохт карда мешавад, ки агар барандаи маълумот (дар системаи электронии идоракунӣ, барномаи истифодабарии умум) натиҷаи расонидани зарар ба барандаи маълумот, ки бояд тибқи Қоида, бошад.

6.9. Тибқи мувофиқаи махсуси Тарафҳо ва дар сурати мустаҳкамкунии мутобиқи он дар шартномаи суғуртавӣ, инчунин нисбат ба арзишҳои молию моддии дар гардишбуда пӯшонидани суғуртавӣ пешниҳод карда мешавад.

6.10. Тибқи мувофиқаи махсуси Тарафҳо ва дар сурати мустаҳкамкунии мутобиқи он дар шартномаи суғуртавӣ, инчунин нисбат ба зарарҳо аз боздошташавии фаъолияти истеҳсолии (тиҷоратӣ) муассиса пӯшонидани суғуртавӣ пешниҳод карда мешавад.

6.11. Тибқи мувофиқаи махсуси Тарафҳо ва дар сурати мустаҳкамкунии мутобиқи он дар шартномаи суғуртавӣ, инчунин нисбат ба зарарҳо аз пӯшонидани суғуртавӣ пешниҳод карда мешавад.

6.12. Тибқи мувофиқаи махсуси Тарафҳо ва ҳангоми мутобиқан мустаҳкамкунии он дар шартномаи суғуртавӣ Суғурташаванда ба Суғуртакунанда зарари аз гум шудани молу мулк, ки ба кафолат монда шуда буд ва дар натиҷаи амалҳои қонунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷуброн менамояд.

6.13. Ҳуқуқи Суғурташаванда барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ ва уҳдадориҳои Суғуртакунанда бар пардохти ҷуброни суғуртавӣ ҳангоми фаро расидани ҳодисаҳои суғуртавии дар банди Қоида номбаршуда, ва дар Шартномаи суғуртавӣ пешбинишуда ба амал меояд.

6.14. Истисно ва маҳдудиятҳои ҷуброни суғуртавӣ, ки дар Қоида нишон дода шудааст, агар чизи дигаре дар шартномаи суғуртавӣ пешбинӣ нашуда бошад, амалӣ мегарданд.

6.15. Агар дар шартнома чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳудуди суғурта ҳисоб меёбад:

6.15.1. Барои бино, иншоот ё мол дар майдончаи кушоди атрофаш гирифташуда – қитъаи замин, ки дар он маҷмааи молу мулкии Суғуртакунанда ҷойгир шудааст;

6.15.2. Барои молу мулк ҳангоми ҳамлу нақл – хатсайри воситаҳои нақлиётӣ;

6.15.3. Барои молу мулк дигари манқул – территорияи бино (манзил).

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

6.16. Молу мулк танҳо ҳангоми дар ҳудуди (территорияи) суғурташуда мавҷуд буданаш, суғурташуда ҳисоб меёбад. Зарари аз ҳудуд (территория) берун ба молу мулк расида ҷуброн карда намешавад.

6.17. Молу мулки дар ҳудуди (террритория) суғуртавӣ аз як ҷо ба ҷойи дигар гузаронидашаванда дар натиҷаи ҳатман фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ дар сурати нобуд шудан, вайрон гардидан ё гум шудан низ бо суғурта ҷуброн карда мешавад.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ ҳаҷми ниҳоии уҳдадории Суғуртакунанда, ки ба Суғурташавандагон дар маҷмӯи ҳамаи ҳолатҳои суғуртавии дар давраи муҳлати амали шартномаи суғурта бо молу мулки суғурташуда рӯйдода, ки нисбат ба он муқаррар карда шудааст, пардохт карда мешавад.

7.1.1. Ҳангоми аз ҷониби Суғурташаванда интихоб гардидани намуди моли муайяни суғуртаи **"ХОНАИ БЕХАТАР" ё "СПИТАМЕН МОБИ"** , ҷуброни суғуртавӣ мувофиқи Тартиб оид ба амалисозии моли нави суғуртавии **"ХОНАИ БЕХАТАР" ё "СПИТАМЕН МОБИ"** интихобгардида кафолат ва амалӣ карда мешавад.

7.1.2. Муносибатҳои ҳуқуқии мувофиқи тартиб оид ба амалисозии моли нави суғуртавии **"ХОНАИ БЕХАТАР" ва "СПИТАМЕН МОБИ"** интихобгардида кафолат ва амалӣ карда мешавад.

Маблағи суғуртавӣ бо мувофиқаи Суғурташаванда ва Суғуртакунанда муқаррар карда мешавад.

Маблағи суғуртавӣ метавонад бо шартнома дар умум (маблағи умумии суғуртавӣ) инчунин аз рӯи гуруҳҳои ҳамҷинс, ё аз рӯи ҳар кадом воҳиди молу мулк суғурташуда ва аз рӯи хароҷотҳои ба гурӯҳҳо тақсимшудаи суғуртавӣ муқаррар гардад.

Маблағи суғуртавӣ набояд аз арзиши молу мулки суғурташуда зиёд бошад.

7.2. Арзиши суғуртавии (воқеии) молу мулк баробар қабул карда мешавад:

7.2.1. Барои бино ва иншоотҳо – арзиши лоиҳавии сохтмон дар маҳалли мазкур, ки аз рӯи тавсифи лоиҳавӣ ва сифати масолеҳи сохтмонии бино (иншоот) шабоҳатдошта, вобаста ба фарсудашавӣ бо фоиз кам кардашуда;

7.2.2. Барои манзил – арзиши бозории манзил, ки ба майдони шабоҳатдоштаи суғурташуда аз рӯи таъинот, масоҳат, тарҳрезӣ, фарсудашавӣ ва ҳолати физикӣ, ки дар маҳалли мазкур (маҳалли зист, ноҳияи маҳалли зист) ҷойгир аст;

7.2.3. Барои ороиши бино, иншоот, манзил – хароҷотҳои зарурӣ барои гузаронидани корҳои такрории ороишӣ (қимати масолеҳро ба назар гирифта) аз рӯи ҳаҷм ва сифат, ки ба ороиши суғурташуда мувофиқ аст, бо аз ҳисоб баровардани фарсудашавии он;

7.2.4. Барои мошин ва таҷҳизот – арзиши харидории аз рӯи таъинот ва тавсифҳои истифодабарию техникӣ ба мошин ва таҷҳизоти нав монанд, аз ҷумла хароҷот барои ҳамлу нақл, бастабандӣ, пардохти боҷи гумрук (ҷамъкунии иловагӣ, ки зиёда аз боҷи гумрук мебошад), пардохтҳои дигари ҳатмӣ, бо нигоҳ доштани маблағе, ки ба он арзиши мошин ва таҷҳизот дар натиҷаи фарсудашавӣ кам карда шудааст;

7.2.5. Барои мебел ва асбобу анҷом – арзиши харидарии предметҳои нави монанд бо нигоҳ доштани маблағи фарсудашавӣ дар натиҷаи истифодабарии онҳо;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

7.2.6. Барои маҳсулоти итеҳсолкунандаи Суғурташаванда (истеҳсолоти ба охир нарасида ва маҳсулоти тайёр) - арзиши такроран истеҳсол кардани он, аз ҷумла хароҷот барои харидории ашёи хом, нимтайёр ва хароҷотҳои нақлиётӣ (фрахт, пардохти киропулии боркашонӣ бо роҳи обӣ, хароҷот барои суғуртакунии бор, боҷи гумрукӣ), лек на зиёда аз нархи фурӯши он, баробар қабул карда мешавад;

7.2.7. Барои молҳои харидорӣ кардаи Суғурташаванда бо мақсади фурӯши минбаъда, барои маводи хом ва масолеҳи харидорӣ намудаи Суғурташаванда, маблағи суғуртавӣ баробар ба арзиши харидории масолеҳи ба он шабоҳатдошта, аз ҷумла хароҷотҳои нақлиётӣ, (фрахт, хароҷот барои суғуртакунии бор, боҷи гумрукӣ), қабул карда мешавад.

7.2.8. Дар сурате, ки мол аллакай фурӯхта шудааст (тайёр ё баохирнарасида) қимати суғуртавии он ба қимати бозорӣ, аз ҷумла маблағи нигоҳдошташудаи хароҷотҳои ғайриистеҳсолотӣ барои борпечонӣ ва ҳамлу нақл, баробар қабул карда мешавад;

7.2.9. Барои қоғазҳои қиматнок – маблағи хароҷот барои азнавистеҳсолкунӣ ва чопкунӣ;

7.2.10. Барои барандагони маълумотҳо, системаи электронии идоракунӣ ё барномаҳои истифодабарии умум, ба истисноӣ маълумотҳои дар онҳобуда, - маблағи хароҷотҳо барои барқарор кардани барандаи маълумотҳо ва инсталлятсияи (шинондан) барномаҳо, ба истисноӣ хароҷот барои барқарор намуди худи маълумотҳо.

7.3. Арзиши суғуртавии (воқеии) молу мулк муайян карда шуда метавонад:

7.3.1. Дар асоси арзиши эълоннамудаи Суғуртакунанда ба шарти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи ҳаҷми он;

7.3.2. Дар асоси баҳодиҳии баҳодиҳандаи мустақил, ташкилоти баҳодиҳӣ ё мумайизи Суғуртакунанда;

7.3.3. Дар асоси шартномаи таҳвилдиҳӣ ё хариду фурӯш, ҳисоб-фактура, чек;

7.3.4. Дар асоси арзиши барқароркунии молу мулки манқул ва ғайриманқул, яъне арзиши сохтмони он, истеҳолот, чизи харидашуда;

7.3.5. Дар асоси нархи бозорӣ;

Ба хоҳиши Суғуртакунанда, манбаи маълумот оид ба нархи бозории сохтмон, ки шабеҳ ба он нархгузорӣ ва дар маҳалли мазкур сохта шудааст, маълумотномаи махсусгардонидашуда, чопи даврӣ, сайтҳои Интернет бо пешниҳоди хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул ва мақолаҳои хулосавии мутахассисон, гумоштагони молу мулки ғайриманқул, прайс-варақҳо ва маҳсулоти рекламавии ширкатҳои сохтмонӣ, ташкилотҳои фурӯши молу мулки ғайриманқул ва ғайра шуда метавонанд;

7.3.6. Бо усулҳои дигар тибқи мувофиқаи тарафҳо.

7.4. Ҳангоми мавҷуд будани ихтилофот дар муайян намудани мукофоти суғуртавӣ (ҳақиқӣ суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғуртавӣ тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки экспертизаи молу мулки ба суғуртафарогирифташавандаро бо мақсади муайян намудани ин нарх, таъин намоянд. Пардохти баҳодиҳии мазкур аз тарафи талабкарда сурат мегирад.

7.5. Арзиши суғуртавии молу мулки дар шартномаи суғурта нишондодашуда, дар оянда зери баҳс қарор намегирад, ба истисно аз ҳолате, ки Суғуртакунанда то бастани



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

шартнома аз ҳуқуқи худ ба нархмонии хавфи суғуртавӣ (банди 1 моддаи 1031 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) истифода набурда, қасдан ҷиҳати ин нарх ба фиреб дода шудааст (моддаи 1034 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

7.6. Дар ҳолате, ки маблағи суғуртавӣ нисбат ба объекти суғурта дар лаҳзаи бастани шартномаи суғуртавӣ зиёд бошад, шартномаи суғуртавӣ дар қисмати боло шудани маблағи суғуртавӣ аз нархи суғуртавӣ ночиз ҳисоб карда мешавад.

Қисми барзиёд пардохташудаи мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар ин ҳолат бозпас дода намешавад. Агар мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) пурра пардохт нашуда бошад, қисми боқимондаи он бояд ба ҳаҷми мутобиқан камкардашудаи ҳаҷми маблағи суғуртавӣ пардохт карда шавад.

Агар баландравии маблағи суғуртавӣ аз объекти суғурта дар натиҷаи фиреб аз тарафи Суғурташаванда гардида бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки бекор кардани шартномаи суғурта ва ҷуброни зарари расонидашударо ба Суғуртакунанда дар ҳаҷми зиёдии маблағи аз Суғурташаванда гирифтани мукофоти суғуртавиро (ҳаққи суғуртавиро) талаб намояд.

Агар арзиши аслии молу мулки суғурташуда дар давраи амали шартномаи суғурта поён равад, Суғурташаванда ба мутобиқан кам кардани маблағи суғуртавӣ ва мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) бо маблағи нигоҳдошташудаи хароҷоти Суғуртакунанда аз рӯзе, ки Суғурташаванда Суғуртакунандаро оид ба зарурати кам кардани маблағ дар ҷарён гузошт, ҳуқуқ дорад.

7.7. Пас аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ маблағи суғуртавӣ дар ҳаҷми ҷуброни пардохтшуда кам карда мешавад, агар чизи дигаре дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад. Кам кардани маблағи суғуртавӣ аз рӯзи фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ сурат мегирад. Дар ҳолаи барқарор ё иваз намудани молу мулки зарардида Суғуртакунанда бар ивази мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) иловагӣ маблағи суғуртавии ибтидоиро барқарор мекунад.

7.8. Бо мувофиқаи тарафҳо маблағи суғуртавӣ метавонад аз арзиши аслии молу мулк пасттар (суғуртакунии нопурраи молу мулк) муқаррар гардад. Дар ин ҳолат Суғуртакунанда бо фаророасии ҳодисаи суғуртавӣ қисми зарари дидаро мутобиқан ба ҷуброни суғуртавӣ нисбат ба арзиши аслӣ ба Суғурташаванда (фоидагиранда) пардохт мекунад.

**7.9. Агар ин бевосита дар шартномаи суғурта нишон дода шуда бошад, молу мулки алоҳида ё хароҷот метавонанд ба шартҳои зерин суғурта карда шаванд:**

7.9.1. «Бе таносуб». Дар ин ҳолат шартномаи суғуртавӣ бо маблағи суғуртавии Суғуртакунанда аз арзиши суғуртавии молу мулк пасттар ва бо шарти ҳисобукитоби ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) баста мешавад, ки мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар ҳаҷми зарари расонидашуда ба молу мулки суғурташуда пардохт мегардад, лек на зиёда аз маблағи суғуртавии барои ин молу мулк дар шартномаи суғурта муқарраргардида;

7.9.2. «Бо хавфи аввал». Ҳангоми суғуртакунӣ «Бо хавфи аввал» мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар ҳаҷми зарар, лек на зиёда аз маблағи суғуртавии дар



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

шартнома муқаррар гардида, бе дарназардошти таносуб байни арзиши аслии молу мулки суғурташуда ва маблағи суғуртавӣ, он пардохта карда мешавад.

Дар ин сурат қоидаи таносубан кам кардани мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ҳангоми суғуртаи нопурраи молу мулк истифода бурда намешавад.

Шартномаи суғуртавии «Бо хавфи аввал» аз санаи фаро расидани ҳодисаҳои аввалини суғуртавӣ, ки Суғурташаванда эълон карда буд, амали худро қатъ мекунад.

7.10. Суғуртакунӣ бо шарти «Бе таносуб», «Бо хавфи аввал» бояд дар шартномаи суғуртавӣ пешакӣ муқаррар карда шавад. Дар сурати набудани чунин супориш, молу мулк бо шарти пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) мутобиқи Қоида ба ҳисоб меравад.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии базавӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқарар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ), ки бояд ба Суғурташаванда аз рӯи Шартномаи суғуртавӣ пардохт гардад, Суғуртакунанда тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқакардашударо истифода мебарад, ки дар асоси он мукофоти аз ҳар воҳиди маблағи суғуртавӣ ситонидамешуда бо дарназардошти маълумотҳои пешниҳодкардаи Суғурташаванда оид ба хусусиятҳои хоси дараҷаи хавф муқаррар карда мешавад.

8.3. Дар баробари ин вобаста аз дараҷаи хавф (дараҷаи Суғурташаванда, намуди фаъолияти Суғурташаванда, таърихи ба ӯ пешниҳод намудаи даъвоҳо оид ба додани товон зарар (таърихи зарар), ҳаҷм ва сохтори зарарҳои пештар бааммаломада, базаи муайянкунии маблағи суғуртавӣ (меъёри ҷуброни зарар ва омилҳои дигар, ки аз тарафи Суғуртакунанда ҳангоми амалӣ намудани сиёсати андеррайтерӣ ва тарифӣ мадди назар гирифта мешавад), Суғуртакунанда ҳуқуқи ба меъёри тарифӣ аз рӯи Шартномаи мушаххаси суғуртавӣ коэффитсиентҳои ислоҳшаванда (баланд ё паст)- ро истифода барад. Паст ё баланд намудани тарифи суғуртавӣ ҳам бо тартиби ташаккул додани истифодабарии коэффитсиентҳои ислоҳшаванда, ҳам дар асоси нишондиҳандаҳои тахфиф ва иловакунӣ ба нархи базавӣ амалӣ шуда наметавонад.

## 9. ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) (пардохт барои суғурта, ки бояд Суғурташаванда ба Суғуртакунанда пардозад) дар асоси маблағи суғуртавӣ, меъёри тарифӣ, мӯҳлати суғурта ва франшизаҳо ҳисоб карда мешавад.

9.2. Дар сурати ба мӯҳлати камтар аз як сол суғурта намудан, мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) бо дарсадҳои зерин аз ҳаҷми солона пардохт карда мешавад: 1 моҳ – 20%, 2 моҳ – 30%, 3 моҳ – 40%, 4 моҳ – 50%, 5 моҳ – 60%, 6 моҳ – 70%, 7 моҳ – 75%, 8 моҳ – 80%, 9 моҳ – 85%, 10 моҳ – 90%, 11 моҳ – 95%.

9.3. Пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) тариқи нақдӣ ё ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад.

9.4. Агар дар шартномаи суғуртавӣ чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад, рӯзи пардохти мукофоти суғуртавӣ аз тарафи Суғурташаванда ба ҳисоб меравад:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– Ҳангоми пардохт бо воситаҳои пулии нақд – рӯзи гирифтани воситаҳои пулии мутобиқ аз тарафи шахси ваколатдори намояндаи Суғуртакунанда;

– Ҳангоми пардохт бо ҳисоби ғайринақдӣ – рӯзи ба суратҳисоби Суғуртакунанда дохил шудани воситаҳои пулӣ.

9.5. Ҳангоми напардохтани мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ё қисми аваллини он дар ҳаҷм ва мухлати дар шартномаи суғуртавӣ пешбинишуда, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартномаи суғуртавӣ ба таври хаттӣ Суғурташавандаро дар ҷарён гузошта, бо тартиби яктарафа даст кашад.

9.6. Агар ҳангоми пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба таври мӯҳлатдиҳӣ дар вақти дар шартномаи суғурта муайяншудаи пардохти навбатӣ (аз пардохти дуюм сар карда) аъзоҳаққӣ пардохт нагардад, ё ба маблағи нисбат ба дар шартномаи суғурта пешбинишуда камтар пардохт гардад, суғуртаи бо шартнома шарткардашуда ба ҳодисаҳои суғуртавӣ, аз соати 00 –у 00 дақиқаи рӯзи дигари санаи дар шартномаи суғуртавӣ пешбинишуда, чун рӯзи охирони пардохти навбатии аъзоҳаққӣ ва то соати 24- у 00 дақиқаи санаи пардохти маблағи қарз, паҳн намегардад.

Агар пардохти мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) навбатӣ дар зарфи 30 рӯзи пас аз санаи дар шартномаи суғуртавӣ пешбинишуда чун рӯзи охирони пардохти мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) навбатӣ ба ҳаҷми пурра сурат нагирад, шартномаи суғурта пеш аз мӯҳлат бо гузаштани 30 рӯз ба охир мерасад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

10.1. Шартномаи суғуртавӣ танҳо ба фоидаи шахсе, ки дар асоси қонун, санади дигари ҳуқуқӣ ё шартнома ба нигоҳдорӣ гирифтани молу мулки суғурташуда манфиатдор аст (соҳиби моликияти хусусӣ, иҷорагиранда, гаравнигоҳдоранда, шахси идоракунанда молу мулк бо ҳуқуқи бурдани хоҷагидорӣ ё роҳбарии фаврӣ ва монанди инҳо) баста шуда метавонад. Шартномаи суғуртавии дар мавриди дар Суғурташаванда (Фоидагиранда) барои нигоҳдории молу мулки суғурташуда, набудани манфиат беэътибор дониста мешавад.

10.2. Ҳангоми ҳуқуқ ба молу мулк суғурташуда аз шахсе, ки ба манфиати ӯ шартномаи суғурта баста шуда буд, ба шахси дигар гузаштан ҳуқуқи молу мулки молу мулки мазкур ба ӯ гузашта буд, ба истисноӣ ҳолатҳои маҷбуран кашида гирифтани он дар асоси дар банди 2 моддаи 259 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда ва аз ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ даст кашидан (моддаи 260 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Шахсе, ки ба ӯ ҳуқуқ ба молу мулки суғурташуда гузаштааст, уҳдадор аст, ки таъҷилан ба таври хаттӣ Суғуртакунандаро дар ҷараён гузорад.

10.3. Шартномаи суғуртавӣ дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда баста мешавад.

10.3.1. Суғурташаванда уҳдадор аст, ки дар ариза маълумоти пурра ва саҳеҳро оид ба объекти суғурташаванда ва иттилооти дигари заруриро мутобиқи Қоидаи мазкур нишон диҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.3.2. Маълумотҳои аз тарафи Суғурташаванда дар ариза овардашуда чун ҳолатҳои аҳамияти муҳимдошта барои муайян намудани имконияти фарорасии ҳодисаҳои суғуртавӣ эътироф карда мешавад.

10.3.3. Ғайр аз маълумотҳои дар ариза пешбинишуда, Суғурташаванда уҳдадор аст, ки иттилооти дигари аз тарафи Суғуртакунанда талабкардашударо оид ба ҳолатҳо, ки аҳамияти муҳим барои муайян намудани имконияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарҳои имконпазир аз фарорасии он (хавфи суғуртавӣ) дорад, пешниҳод намояд.

10.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар давоми муҳлати шартномаи суғурта ҳолат ва арзиши молу мулки суғурташуда ва саҳеҳияти маълумотҳои аз тарафи Суғурташаванда пешниҳодгардидаро тафтиш кунад.

10.5. Агар баъд аз бастани шартномаи суғурта маълум гардад, ки Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маълумотҳои бардурӯғи дар банди 8.3 Қоида пешбинишударо додааст, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки аз эътибор соқит кардани шартномаи суғуртавӣ ва истифода бурдани оқибатҳои дар банди 2 моддаи 204 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо талаб кунад.

10.6. Шартномаи суғуртавӣ ба ҳама гуна муҳлати мувофиқакардаи Тарафҳо баста мешавад.

10.7. Шартномаи суғурта аз соати 00-у 00 дақиқаи санаи дар он нишондодашудаи оғози суғурта қувва пайдо карда, то соати 24-у 00 дақиқа санаи ба охир расидани муҳлати он суғурта амал мекунад.

10.8. Агар дар шартномаи суғуртавӣ дигар намуди суғурта, ки бо шартҳои шартнома пешбинӣ нашуда бошад, танҳо ба он ҳодисаҳои суғуртавӣ паҳн мегардад, ки онҳо рух додаанд:

– аз соати 00-у 00 дақиқаи санаи дар шартнома чун санаи оғози мӯҳлати суғурта, лек на пеш аз рӯзи дигари пас аз пардохти мукофоти суғуртавӣ ва ё якумин аъзоҳаққӣ аз тарафи Суғурташаванда ҳисобида мешавад;

– то соати 24- у 00 дақиқаи санаи дар шартнома чун санаи ба охир расидани мӯҳлат нишондодашуда.

Зарарҳое, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои дар Қоида номбаршуда ва дар шартномаи суғурта нишондодашуда, ки қабл ё пас аз давраи нишондодашуда оғозёфта, ҳодисаи суғуртавӣ ба ҳисоб намераванд, ҷуброни суғуртавӣ пардохт карда намешавад.

10.9. Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ баста мешавад ва бо роҳи супоридан аз тарафи Суғуртакунанда ба Суғурташаванда дар асоси аризаи хаттии Полиси суғуртавӣ, ки Суғуртакунанда ба имзо расонидааст, ё тартиб додани ҳуҷҷати ягонаи аз тарафи Суғуртакунанда ва Суғурташаванда имзошуда, ба расмият дароварда мешавад.

10.10. Дар сурати ба Суғурташаванда дар асоси аризаи ӯ супоридани Полиси суғуртавӣ, ризоияти Суғурташаванда ба бастани Шартномаи суғурта бо шартҳои аз тарафи Суғуртакунанда пешниҳодшуда (Аксепти Суғурташаванда) бо аз тарафи Суғурташаванда аз Суғуртакунанда гирифтани Полиси суғуртавӣ тасдиқ мегардад.

10.11. Полиси суғуртавӣ дар ду нусхаи якхела барои Суғуртакунанда ва Суғурташаванда тартиб дода шуда, ба имзо расонида мешавад, ки ҳар ду нусха қувваи баробари ҳуқуқӣ доранд. Дар сурати мувофиқат накардани иттилоот дар Полиси



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

суғуртаи дар дасти Суғуртакунанда ва дар нусхаи дар дасти Суғурташаванда мавҷудбуда, ҳолатҳои дар нусхаи Полиси суғуртаи дар дасти Суғуртакунандабуда қувваи бартариро дорад.

10.12. Намунаи Полиси суғуртавӣ аз тарафи Суғуртакунанда таъин ва тасдиқгардида дар шакли электронӣ дар асоси маълумотҳои пешниҳоднамудаи Суғурташаванда ташаккул ёфта метавонад. Мундариҷаи намунаи Полиси суғуртавӣ дар барандаи қоғазии бо мӯҳр тасдиқгардида ва ба шакли электронӣ ҳуҷҷатонида бо имзои рақамии электронии намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда тасдиқ шуда метавонад. Имзои рақамии электронӣ дар ҳуҷҷати электронӣ ба имзои дастӣ мондаи намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда дар Полиси суғуртавӣ дар барандаи қоғазӣ, бо мӯҳр тасдиқшуда баробарқимат дониста мешавад.

10.13. Агар тарафҳо дар Шартномаи суғурта чизи дигарро ба мувофиқа нарасонида бошанд, ба имзо расонидани Полиси суғуртавӣ бо истифодаи тавири факсимилии имзои намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда ва мӯҳри Суғуртакунанда ба мувофиқа расонидани имзои Шартномаи суғурта аз тарафи Суғуртакунанда мебошад.

10.14. Агар тарафҳо дар Шартномаи суғурта чизи дигарро ба мувофиқа нарасонида бошанд, ба имзо расонидани созишномаҳои дигар ё тағйирот ба Шартномаи суғурта, созишнома оид ба бекоркунии Шартномаи суғурта ва ҳуҷҷатҳои дигар вобаста ба бастан, ба иҷро расонидан, тағйирот даровардан, ба охир расонидани Шартномаи суғурта аз тарафи Суғуртакунанда бо истифода аз тасвири факсимилии имзои намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда ва мӯҳри Суғуртакунанда ба мувофиқ расонидани имзои созишнома, тағйиротҳо, ҳуҷҷатҳои дигар аз тарафи Суғуртакунанда мебошад.

10.15. Агар бо созишномаи тарафҳо чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад, пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) мутобиқи шартҳои Шартномаи суғуртавии басташуда, тасдиқи аз тарафи Суғурташаванда гирифтани Полиси суғуртавӣ ва Қоидаи суғута ба ҳисоб меравад.

10.16. Ҳамаи тағйиротҳо ва иловаҳо ба Шартномаи суғурта аз тарафи Суғуртакунанда дар шакли созишномаҳои иловагӣ ба он ба расмият дароварда мешавад.

10.17. Агар аз рӯи Шартномаи суғурта чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳамаи хабарномаҳо ва огоҳиномаҳо оид ба иҷро ва қатъ гардидани Шартномаи суғурта ба суроғаҳое, ки дар Шартномаи суғурта нишон дода шудаанд ирсол мегарданд. Дар сурати тағйир ёфтани суроғаҳо ё реквизитҳо Суғуртакунанда ва Суғурташаванда уҳдадоранд, ки дар зарфи 30 рӯз ҳамдигарро дар ҷараён гузоранд. Агар Суғуртакунанда ё Суғурташаванда дар бораи иваз шудани суроға ва реквизитҳо аз тарафи дигар хабардор нашуда бошанд, пас ҳамаи огоҳиномаҳо, хабарномаҳо, ки ба суроғаи пештара ирсол гардида буданд, гирифтагӣ ба ҳисоб меравconfigured.

10.18. Ҳама гуна огоҳинома ва хабарномаҳо оид ба бастан, иҷро ё бекор кардани муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ аз тарафи Суғуртакунанда ва Суғурташаванда ба суроғаи ҳамдигар ирсолгардида ба ҳисоб меравconfigured, агар он танҳо ба таври хаттӣ сурат гирифта бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.19. Шартномаи суғурта пеш аз мӯҳлат дар сурати аз тарафи Суғуртакунанда пурра иҷро гардидани ӯҳдадориҳо дар назди Суғурташаванда аз рӯи шартнома ва дар ҳаҷми пурра (аз лаҳзаи иҷрои ин ӯҳдадориҳо), инчунин ҳодисаҳои дигар, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоида ва шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, ба охир расида метавонад.

10.20. Шартномаи суғурта инчунин то ба охир расидани мӯҳлате, ки ба он шартнома баста шуда буд, қатъ мегардад, агар пас аз ба қувва даромадани он имконияти фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ аз байн равад ва мавҷуд будани хавфи суғуртавӣ бо сабабҳои ҳолатҳои дигар нисбат ба ҳодисаи суғуртавӣ ба охир расида бошад (масалан, нобудшавии молу мулки суғурташуда, бо сабабҳои дигар нисбат ба ҳодисаи суғуртавӣ). Дар баробари ин Суғуртакунанда ба қисми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) таносуб ба вақт, ки дар давоми он суғурта амал мекард, ҳуқуқ дорад.

10.21. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ҳар вақт аз шартномаи суғурта даст кашад, дар ин ҳолат мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз тарафи Суғурташаванда пардохтшуда баргардонида намешавад. Тибқи мувофиқаи Тарафҳо дар шартномаи суғурта пешбинӣ шуда метавонад, ки ба Суғурташаванда мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) барои мӯҳлати нагузаштаи шартномаи суғурта бо аз ҳисоб баровардани хароҷотҳои Суғуртакунанда баргардонида мешавад.

10.22. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки пеш аз мӯҳлат шартномаи суғуртавиро яктарафа дар ҳолатҳои дар қонунгузории амалкунанда ва шартномаи суғурта пешбинишуда, қатъ кунад.

10.23. Агар шартномаи суғурта ба мӯҳлати зиёда аз як сол баста шуда бошад, бо гузаштани ҳар 12 моҳ аз лаҳзаи оғози мӯҳлати суғурта, дар сурати дар давраи мӯҳлати гузаштаи нишондодашуда аз тарафи Суғурташаванда дар бораи фаро расидани ақалан як ҳодисаи суғуртавӣ эълон карда шудан (чӣ ба танзим даровардан, ва чӣ эълоншуда, вале ба танзим даровარданашуда) Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад шартҳои суғуртаро аз нав дида барояд. Агар Суғурташаванда ё фоидагиранда ба даровадани тағйирот ба шартҳои суғуртавӣ розӣ набошад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз иҷрои Шартномаи суғурта ба тартиби яктарафа даст кашад, дар баробари ин Суғуртакунанда ба Суғурташаванда мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) барои мӯҳлати баохирнарасидаи суғурта бармегардонад.

## 11. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Суғурташаванда ӯҳдадор аст:

11.1.1. Ҳамаи чораҳои зидди сӯхтор ва бехатарии саноатиро, ки дар қонунҳо, санадҳои дигари меъёрӣ, Қоида, дастуруламалҳои дохилии Суғуртакунанда оварда ва инчунин дар шартномаи суғуртавӣ пешбинӣ шудааст, бояд риоя кунад.

Аз меъёри бехатарии зидди сӯхтор ва саноатӣ, ки мақомоти давлатии назоратӣ тасдиқ намудааст, дур шудан роҳ дода мешавад, ё агар Суғурташаванда ба таври хаттӣ Суғуртакунандаро оид ба ин гуна дуршавӣ хабардор кардааст ва Суғуртакунанда молу мулкро барои суғуртакунӣ қабул кардааст.

11.1.2. Дар ҳолате, ки дар асоси қонун ё шартнома ба Суғуртакунанда ӯҳдадории дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани молу мулки суғурташуда, хусусан, дастгоҳҳо ва

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

мошинҳо, ки бо системаи бо об таъминкунӣ, гармидиҳӣ, канализатсия; бом ва таҷҳизот, ки дар тарафи берунаи бино васл карда шудааст ва мутобиқи Қоидаи истифодабарӣ ва талаботи дастуруламали истеҳсолкунанда, онро истифода бурдан мумкин аст, дар ҳолати вайрон шудан ба таври таъҷилӣ онро таъмир бояд кунад.

11.1.3. Чораҳои ҳифзи иттилоот ва маълумотҳоро, ки дар барандагони суғурташударо, ки қонун, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва ҳуҷҷатҳои дохилии Суғурташаванда муайян кардааст ва уҳдадориҳои дигарро риоя намояд.

11.2. Нисбат ба аз тарафи Суғурташаванда чораҳои ҳифз ва муҳофизати зиддисӯхтор эълонкардашуда бояд талаботҳои зерин иҷро гарданд:

11.2.1. Воситаҳои оташхомӯшкунӣ (оташхомӯшкунак, спринклерҳо, дренчерҳо) бояд васл, тафтиш карда, дар ҳолати корӣ бошанд.

11.2.2. Системаҳои ҳифз ва сигнализатсияи сӯхтор:

– Бояд тафтиш карда шуда, дар ҳолати корӣ нигоҳ дошта шаванд, сари вақт вобаста ба реҷаи истифодабарӣ ба кор дароянд ё доимо дар ҳолати корӣ бошанд;

– сари вақт вобаста ба реҷаи истифодабарӣ ба кор дароянд ё доимо дар ҳолати корӣ бошанд;

– пулти мудофиа ва сигнализатсияи сӯхтор бояд зери назорати доимӣ бошад.

11.3. Дар сурати иҷро накардани талаботи дар қисмати мазкур пешбинишуда аз тарафи Суғурташаванда, ҳодисаи ба амаломада, ки барои аз Суғуртакунанда талаб кардани пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) асос шуда метавонад, ҳодисаи суғуртавӣ ҳисоб карда намешавад ва зарарҳои Суғурташаванда аз тарафи Суғуртакунанда пардохт карда намешавад.

11.4. Пас аз он, ки ба Суғурташаванда доир ба фаромрасии ягон воқеа, ки он асос барои пешниҳоди талабот ба Суғуртакунанда оид ба пардохти подош аст, маълум гашт, Суғурташаванда уҳдадор аст:

11.4.1. Суғуртакунандаро дар зарфи як шабонарӯз новобаста аз рӯзҳои истироҳат, ид ба воситаи телетайп, телекс, факс, телеграф, телефон ё бевосита бо нишон додани иттилооти ба ӯ маълум ва ҳаҷми зарар дар ҷараён гузорад. Хабари ба воситаи телефон расонидашуда бояд дар дар оянда (дар зарфи 24 соат) ба таври хаттӣ тасдиқи худро ёбад.

Уҳдадории мазкур аз тарафи Суғурташаванда ба таври бояду шояд иҷрошуда ҳисоб мегардад, агар дарҷараёнгузорӣ мутобиқи иттилооти контактӣ, ки дар шартномаи суғуртавӣ оварда шудааст, сурат гирад.

Иҷро накардани уҳдадориҳои дар банди мазкур пешбинишуда, ба Суғуртакунанда ҳуқуқи даст кашидан аз пардохти подоши суғуртавиро мутобиқи қонунгузории амалкунанда, медиҳад.

11.4.2. Дар ҳамон муҳлат баробари Суғуртакунанда дар бораи воқеаи баамаломада дар натиҷаи:

– амалҳои ғайриқонунии шахсони сеюм (бадқасдона несту нобуд, ё вайрон кардани молу мулки суғурташуда ва монанди инҳо – ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

– сӯхтор – ба Хадамоти давлатии зидди сӯхтор;

– таркиш ва садама дар системаи бо об таъминкунӣ, гармидиҳӣ, канализатсия ё оташхӯмушкунаки автоматӣ – ба мақомоти дахлдори давлатии хадамоти садамавӣ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– зер кардани воситаи нақлиёт – ба мақомоти БДА ВКД хабар дода шавад.

11.4.3. То омадани намояндагони Суғуртакунанда, кормандони милитсия, ё намояндагони мақомоти дигари ваколдатдорро ба ҷойи ҳодиса интизор нашуда, иттилооти пешакии дастрасро оид ба сабаб ва ҳолати ба миён омадани зарар ҷамъ кунанд (масалан, тартиб додани санад ба шакли озод бо иштироки маъмурияти маҳаллӣ, намояндагони мақомоти дигари салоҳиятнок, инчунин бо иштироки шоҳидони воқеаи рухдода, аз рӯи имконият расми зарари расидаро бо ёрии фото, кино, видеонаворҳо ба қайд гиранд) ва онро ба Суғуртакунанда бо мақсади тафтишоти минбаъдаи нисбатан дуруст ва воқеии сабабҳои сар задани воқеа ва ҳаҷми зарар интиқол диҳанд;

11.4.4. Чораҳои оқилона ва дастрасро дар ҳолати бавуқӯъомада оид ба бартараф намудан ё кам кардани зарар ва пешнирии молу мулки суғурташуда, андешанд;

Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни зарари расонидашуда, ки дар натиҷаи аз тарафи Суғурташаванда қасдан чораҳои оқилона ва дастрас барои кам кардани зарар надидааст, озод карда мешавад.

11.4.5. Объекти зарардидаро дар ҳолати бетағйир нигоҳ дошта, барои дида баромадани намояндаи Суғуртакунанада пешниҳод намояд;

Суғуртакунанда ҳуқуқи тағйир додани ҳолати мавҷударо дорад, агар ин аз нуқтаи назари бехатарӣ, кам кардани ҳаҷми зарар ё ба ин ризоияти Суғурташавандаро гирифта бошад, инчунин бо гузаштани 7 (ҳафт) рӯз пас аз хабарномаи хатти оид ба ҳодисаи рухдода, агар мӯҳлати дигар дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

11.4.6. Ба Суғуртакунанда имконияти дида баромадан ё муоина намудани молу мулки зарардидаи суғурташуда, тафтиши сабаб ва муайян кардан ҳаҷми зарар муҳайё намояд;

Намояндаи Суғуртакунанда хабарномаи Суғурташавандаро оид ба воқеаи суғуртавӣ интизор нашуда, ҳуқуқи дида баромадани молу мулки зарардидаро дорад, Суғурташаванда ҳуқуқи монеагузориро надорад.

11.4.7. Ба Суғуртакунанда аризаи хаттӣ дар шакли муқарраргардида оид ба подоши суғуртавӣ бо нишон додани ҳолатҳои ба вуқӯъ омадани зарар ва ҳаҷми тахминии он, ки дар лаҳзаи аризанивисӣ ба Суғурташаванда маълум буд, пешниҳод намояд;

11.4.8. Мутобиқи дархости хаттии Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манфиатҳои молу мулкӣ, сабаби фаворасии зарар, ва ҳуҷҷатҳои дигарро, ки пешниҳод намудани он хислати воқеаи рухдодароро муайян мекунад ва дар асоси талаботи қонунгузорӣ пешниҳод намояд;

11.4.9. Пас аз пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) Суғурташаванда ӯҳдадор аст, ки ба Суғуртакунанда ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва исботҳоро пешниҳод намуда ба ӯ ҳамаи маълумотҳои зарурироро барои аз тарафи Суғуртакунанда, ки ҳуқуқи талаб кардан аз шахси ҷавобгар барои зарари расонидашуда, ки дар натиҷаи суғурта пардохт карда шудааст, гузаштааст, диҳад.

Агар Суғурташаванда аз ҳуқуқи худ ба талабот аз шахси ҷавобгар барои расидани зарари аз тарафи Суғуртакунанда подошшуда даст кашад, ё иҷрои ин ҳуқуқ бо гуноҳи Суғурташаванда ғайриимкон бошад, Суғуртакунанда аз пардохти мукофоти суғуртавӣ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

(ҳаққи суғуртавӣ) пурра ё ба қисми мутаносиби он озод мегардад ва ҳуқуқ дорад, ки бозпас гардонидани маблағи барзиёд пардохтаашро талаб намояд.

11.5. Далели додани ариза оид ба мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ва иҷрои уҳдадориҳои дигари Суғурташаванда, ки дар Қоида нишон дода шудааст, бо забонхати шахси ваколатдори Суғуртакунанда оид ба гирифтани интиқоли почтавӣ, ки бо мактуби арзишнок бо номгӯйи варақҳои гузошташуда, тасдиқ мегардад.

11.6. Суғуртакунанда уҳдадор аст::

11.6.1. Агар дар Шартномаи суғурта ё Қоида мухлати дигар пешбинӣ нашуда бошад, ба гузаронидани тафтишоти сабаб ва ҳолатҳои несту нобуд ё (гум кардан) ё вайрон кардани молу мулки суғурташуда дар зарфи 15 (понздаҳ) рӯзи корӣ пас аз гирифтани ариза аз Суғурташаванда оид ба пардохти подоши суғуртавӣ ва иҷрои уҳдадориҳои дигар аз тарафи ӯ, ки дар банди 9.4. Қоида нишон дода шудааст, ҳаҷми зарарро муайян кунад ва дар сурати эътироф кардани далели фаро расидани воқеаи суғуртавӣ санади суғуртавӣ тартиб диҳад ва подоши суғуртавиро пардохт намояд.

Рӯзи пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба ҳисоб меравад:

– санаи аз ҳисоб баровардани воситаҳои пулӣ аз суратҳисоби Суғуртакунанда;

– санаи тартиб додани санади суғуртавӣ – ҳангоми бо пули нақд додани маблағ ба воситаи хазинаи Суғуртакунанда.

11.6.2. Дар ҳамон мухлат Суғурташавандаро оид ба даст кашидан аз пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба тарзи хаттӣ ва бо асосноккунии сабабҳои радкунӣ огоҳ намояд.

11.7. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

11.7.1. Дар сурати будани асосҳои кофии эътирофи фарорасии ҳолати суғуртавӣ пардохти мукофоти суғуртавиро (ҳаққи суғуртавиро) ба таври пешпардохт амалӣ намояд;

11.7.2. Пардохти мукофоти суғуртавиро (ҳаққи суғуртавиро) ба таъхир андозад, дар ҳолате, ки агар:

– экспертизаи мустақими сабаб ва ҳолатҳои фарорасии ҳолати суғуртавӣ ва ҳаҷми зарар гузаронида шуда бошад. Дар ин ҳолат мухлати пардохт ба мӯҳлати вақти дар давоми он экспертиза гузаронидашуда, зиёд мегардад;

– асос барои шакку шубҳа ва кафолатнокии Суғурташавандаро ба гирифтани пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба миён ояд, дар ин сурат подош то он даме, ки далелҳои исботкунак пешниҳод нагардад, пардохта намешавад;

– агар аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи далели воқеаи суғуртавӣ бар зидди кормандони роҳбарикунандаи Суғурташаванда (бар зидди худи Суғурташаванда) ё хешу табори ӯ, агар онҳо шахсони воқеӣ бошанд) кушода шуда бошад, то ба охир расидани парвандаи ҷиноятӣ.

11.7.3. Фиристодани дархост ба муассисаҳои гуногун, аз ҷумла ба мақомот ва хадамоти давлатӣ барои муайян намудани сабаб ва ҳолатҳои фарорасии воқеаи суғуртавӣ.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ вобаста ба он, ки кадоме аз ин маблағ камтар аст, зиёд шуда наметавонад:

12.1.1. Маблағҳои суғуртавии дар шартномаи суғурта аз рӯи воҳидҳои мутобиқ ё гурӯҳҳои молу мулк нишондодашуда;

12.1.2. Меъёр (субмеъёр)-и пардохти дар Қоида пешбинишуда ё дар шартномаи суғурта муқарраргардида;

12.1.3. Бузургии зарар, ки дар натиҷаи фаро расидани ҳолати суғуртавӣ Суғурташаванда дидааст.

12.2. Дар сурати қисман вайроншавии молу мулки суғурташуда барои пардохт он хароҷотҳое, ки барои барқароркунии он то ба ҳолате, ки молу мулк то фаро расидани ҳолати суғуртавӣ дошт (*корҳои барқароркунӣ*) сарф шуда буд, пардохт карда мешавад.

12.2.1. Дар доираи Қоида зери ибораи хароҷотҳои барқароркунӣ фаҳмида мешавад:

– хароҷот барои харидории қисмҳои эҳтиётӣ ва маснуоти зарурӣ барои иҷрои корҳо;

– хароҷот барои оварда расонидани қисмҳои эҳтиётӣ ва маснуот ба ҷойи таъмиркунӣ;

– хароҷот барои додани музди кор ҷиҳати таъмиркунӣ;

– хароҷотҳои дигар, ки бо шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст.

Аз маблағи хароҷотҳои барқароркунӣ маблағи барои фарсудашавии дар раванди таъмири қисмҳои, ҷузъҳо, агрегатҳо, қисмҳои майдаи мошин ивазкардашуда, агар чизи дигар дар шартномаи суғурта ё шартҳои полисии суғуртавӣ пешбинӣ нашуда бошад, нигоҳ дошта мешавад. Ҳаҷми фарсудашавӣ чун фарқият байни арзиши аслии ин қисмҳо дар рӯзи фаро расии ҳолати суғуртавӣ ва нархи нави (харидории) ин қисмҳо, агар чизи дигаре дар шартномаи суғурта, шартҳои полисии суғуртавӣ пешбинӣ нашуда бошад, ба ҳисоб гирифта мешавад.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1.1. Ҳангоми ҳисоби маблағи хароҷотҳо барои барқароркунӣ ё таъмири молу мулки вайроншуда (хароҷотҳои барқароркунӣ) Қоидаи зерин қабул карда мешаванд:

– барои барқароркунии (таъмир) молу мулки зарадида бояд маснуот ва қисмҳои эҳтиётии ба қисмҳои истифодабурдашаванда аз рӯи намуд ва сифат шабеҳ ва бо қимат баробар истифода бурда шавад;

– хароҷот барои масолеҳи барои таъмири бино ё иншоот истифодабурда бо маблағи нигоҳдоҳташудаи молу мулки пас аз ҷудо кардани унсури вайроншудаи конструктивии бино (иншоот), ки барои истифодабарии минбаъда (боқимондаҳои бакороянда) ба кор меоянд, ҷуброн карда мешавад;

– хароҷот барои пардохти музди кори оид ба таъмир аз рӯи нархҳои миёна барои корҳои шабеҳи дар ҷойи гузаронидани таъмир дар лаҳзаи воқеаи суғуртавӣ амалкунанда, дар сурати иҷрои таъмир бо қувваи Суғурташаванда аз нархномаи корҳои

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

шабеҳи дар ҷойи гузаронидани таъмир дар лаҳзаи воқеаи суғуртавӣ амалкунанда, вобаста ба он, ки кадоме аз ин маблағҳо камтар аст, ҷуброн карда мешавад;

– ба ҳисоби хароҷотҳо барои иҷрои танҳо он корҳое, ки барои бартараф намудани ҳолати суғуртавӣ заруранд, дохил карда мешавад. Хароҷотҳои иловагӣ, ки бо сабаби таъҷилии гузаронидани корҳо, такмил ва ё тағйир додани нақшаи (сохтор – конструксия) молу мулки суғурташуда, бо гузаронидани таъмири нақшавӣ ҷуброн карда намешаванд;

– хароҷот барои таъмири пешакии молу мулки вайроншуда танҳо дар сурате ҷуброн мегардад, ки агар таъмири пешакӣ қисми таъмири ниҳоӣ бошад ва хароҷотҳои умумӣ барои таъмир боло наравад, агар таъмири пешакӣ гузаронида намешуд;

– агар барои таъмири унсурҳои конструктивии бино ё иншоот гузаронидани ҷудокунӣ ва васлкунии минбаъда зарур бошад, (масалан, болопӯши бом ва амсоли он) хароҷот барои гузаронидани ин корҳо ба маблағи умумии хароҷотҳо барои таъмир дохил карда мешавад;

– агар барои нигоҳдории унсурҳои алоҳидаи конструктивии бино ё иншоот зарурати муваққатан мустаҳкамкунии онҳо бо миён ояд (дастгоҳ, такяҳо, тарангкунӣ (стяжка ва амсоли онҳо), хароҷот барои гузаронидани ин гуна корҳо ва қимати масолеҳ барои истеҳсоли он ба маблағи умумии хароҷот барои таъмир дохил карда мешавад.

– хароҷотҳои иловагии бо пардохти музди меҳнати корҳои зиёда аз мӯҳлат, расонидан ба маснуот, қисмҳои эҳтиётӣ ё мошинҳо ба таври экспресс, ҳамлу нақл бо нақлиёти ҳавоӣ пардохт карда намешавад, агар чизи дигаре дар шартнома пешбинӣ нашуда бошад.;

– агар ивазкунии қисмҳо ва предметҳои вайроншуда амалӣ шуда истода бошад, ба он нигоҳ накарда, ки таъмири он бе таҳдид ба бехатарии истифодабарии молу мулки суғурташуда аст, Суғуртакунанда ба Суғурташаванда арзиши таъмири ин қисмҳо ё предметҳоро ҷуброн менамояд, лек на зиёда аз арзиши қисмҳои ивазшуда.

13.2. Зарари бо гум шудани намуди молии молу мулки суғурташуда, аз ҷумла шишаҳо ва витринаҳо (зарар дидани болои шиша – харошидан, сиёҳчатоб шудан, хира гаштан ва амсоли онҳо) подош карда намешавад. Инчунин зарари бо вайроншавии тарафи берунаи борпечонҳои якчанд воҳиди молу мулки суғурташуда, агар борпечонҳои дохилӣ вайрон нашуда бошанд, пардохт карда намешавад.

13.3. Дар ҳолати пурра несту нобуд гаштани молу мулки суғурташуда ҷуброни суғуртавӣ дар ҳаҷми арзиши аслии молу мулк бо дарназардошти фарсудашавӣ, ки дар лаҳзаи фаро расидани воқеаи суғуртавӣ ҳисобукитоб тарҳи арзиши боқимонда, ки онҳоро метавонанд фурӯшанд ё аз рӯи таъиноти вазифавӣ истифода баранд (боқимондаҳои коршоям). Суғурташаванда аз чунин боқимондаҳо ҳуқуқи даст кашиданро надорад.

13.3.1. Зери мафҳуми пурра несту нобуд шудан дар Қоида гум, вайрон шудан ё пурра несту нобуд гаштани молу мулки суғурташударо дар набудани имконияти техникӣ барои барақарароркунӣ ё он ҳолате, ки хароҷотҳои зарурии барқароркунӣ аз арзиши аслии он дар лаҳзаи фарорасии воқеаи суғуртавӣ зиёд аст, фаҳмида мешавад.

13.4. Арзиши молу мулки халоскардашуда (боқимондаҳои коршоям) дар асоси нархи фурӯши ин гуна боқимондаҳо дар маҳалли мазкур муайян карда мешавад.



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Тибқи ризоияти тарафҳо Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки ба Суғурташаванда дар фурӯши боқимондаҳои коршоям кӯмак расонад.

13.5. Агар чизи дигаре дар шартномаи суғурта ё шартҳои полисии суғуртавӣ пешбинӣ нашуда бошад, пас сатҳи фарсудашавӣ дар асоси баҳодиҳии экспертӣ ҳисоб карда мешавад. Агар маблағи суғуртавӣ мутобиқи арзиши боқимондаи балансӣ муқаррар карда шуда бошад, он гоҳ сатҳи фарсудашавии воҳиди молу мулк мутаносиб ба сатҳи ҷамъкардашудаи амортизатсия аз рӯи маълумотҳои муҳосибот қабул карда мешавад.

13.6. Агар маблағи суғуртавӣ бо асъори хориҷӣ муқаррар карда шуда бошад, ҳаҷми пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) суғуртавӣ бо сомонӣ вобаста ба қурби расмии асъори мазкур нисбат ба сомонӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар санаи фарорасии воқеаи суғуртавӣ муқаррар намудааст, ҳисобукитоб карда мешавад.

13.7. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба бузургии франшизаи қатъӣ кам карда мешавад.

13.7.1. Агар якчанд ҳодисаҳои суғуртавӣ ҷой дошта бошанд, маблағи франшизаи қатъӣ ҳангоми ҳисобукитоби ҷуброни суғуртавӣ дар ҳар як ҳолат, агар дар шартномаи суғурта чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ба таври алоҳида нигоҳ дошта мешавад;

13.7.2. Агар дар натиҷаи як ҳодисаи суғуртавӣ якчанд объектҳои суғурташуда ё гурӯҳи объектҳо, ки барои онҳо дар шартномаи суғурта франшизаҳои алоҳида пешбинӣ шудаанд, зарар бинанд, пас франшизаҳо ҳангоми ҳисоб кардани ҷуброни суғуртавӣ ба ҳар кадом объект ё гурӯҳи объектҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

13.8. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба бузургии мукофоти боқимондаи пардохтанашудаи Суғурташаванда ҷуброн карда мешавад.

13.9. Агар маблағи суғуртавӣ дар лаҳзаи фарорасии воқеаи суғуртавӣ аз арзиши аслии молу мулки суғурташуда паст бошад, Суғуртакунанда зарарро мутаносибан ба маблағи суғуртавӣ ба арзиши аслӣ ҷуброн мекунад. Мутобиқати маблағҳои суғуртавӣ ба арзиши аслии молу мулк ба таври алоҳида ба ҳар як объекти суғурта муқаррар карда мешавад.

13.9.1. «бе дарназардошти фарсудашавӣ» – пардохти ҷуброни суғуртавӣ бе дарназардошти фарсудашавии қисмҳо, ҷузъҳо, дастгоҳҳо ва қисмҳои дар раванди таъмир ивазшаванда, ғайр аз ҳолатҳои duздии молу мулки суғурташуда амалӣ мегардад;

13.9.2. «бо дарназардошти фарсудашавӣ» – пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо дарназардошти фарсудашавии молу мулк сурат мегирад. Ҳаҷми фарсудашавӣ чун фарқият байни арзиши аслии молу мулки суғурташуда (ҷузъҳо, қисмҳо) дар рӯзи фарорасии воқеаи суғуртавӣ ва нархи нави (харидорӣ) молу мулки суғурашуда (ҷузъҳо, қисмҳо) ҳисобукитоб карда мешавад.

13.10. Шартҳои муқарраршудаи пардохти ҷуброни суғуртавии «бе дарназардошти фарсудашавӣ» бояд ба таври аниқ дар шартномаи суғурта оварда шуда бошад. Ҳангоми набудани ин гуна супориш меҳисобанд, ки шарти пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба таври «бо дарназардошти фарсудашавӣ» муқаррар карда шудааст.

13.11. Агар ба Суғурташаванда шахсони сеюм подош дода бошанд, дар он сурат Суғуртакунанда танҳо фарқияти байни маблағи умумии аз рӯи шартномаи суғуртавӣ пардохтшаванда ва маблағи аз шахсони сеюм гирифтаро пардохт менамояд.



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.12. Агар дар ҳолати фарорасии воқеаи ҳодисаи суғуртавӣ нисбат ба молу мулки суғурташуда шартномаҳои дигар низ аз рӯи хавфҳои шабеҳ ба маблағе, ки аз арзиши суғуртавии он ба таври умум зиёд, (суғуртакунии дукарарта) амал мекарда бошанд, Суғуртакунанда ҷуброни суғуртавиро барои зарар дар ҳаҷми мутаносиб ба маблағи суғуртавии дар шартномаи аз тарафи Суғуртакунанда басташуда нисбат ба маблағи умумии суғуртавии молу мулки мазкур аз рӯи ҳама шартномаи бастаи Суғурташаванда пардохт менамояд.

13.12.1. Суғурташаванда уҳдадор аст, ки ба таври хаттӣ Суғурташавандаро оид ба ҳамаи шартномаҳои суғурта нисбат ба молу мулки суғурташуда бо ташкилотҳои суғуртавии дигар дар ҷараён гузорад. Дар баробари ин Суғурташаванда бояд номи ташкилоти дигари суғуртавиро, ки дар онҳо молу мулки худро суғурта кардааст, хавфҳои суғуртавӣ ва ҳаҷми маблағи суғуртавиро бояд нишон диҳад.

13.12.2. Агар суғуртакунии дукарата натиҷаи бадқасдона аз тарафи Суғурташаванда бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқи бекор донистани эътирофи шатномаи суғурта ва ҷуброни зарари ба Суғуртакунанда расидаро талаб карданро дорад.

13.13. Суғурташаванда бояд ба таври таъҷилӣ дар бораи ёфт шудани молу мулки дар натиҷаи ҳодисаҳои суғуртавӣ гумшуда ба Суғуртакунанда хабар диҳад.

Дар сурати баргардонидани молу мулки аз нав ёфтшуда Суғурташаванда уҳдадор аст, ки ба Суғуртакунанда қисми муносиби мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) пардохташударо баргардонад.

13.14. Ҳарду Тараф ҳуқуқи ҷалб кардани ташкилоти мустақили экспертиро барои муайян намудани сабабҳои ба вуқӯъ омадани зарар ё баҳомонӣ ба ҳаҷми зарар, ки Суғурташаванда дидааст, доранд.

13.14.1. Тарафи шартномаи суғурта, ки ташкилоти мустақили экспертиро даъват кардааст, хароҷотҳои хизмарасонии онро пардохт менамояд.

13.14.2. Агар бо талаби Суғуртакунанда Суғурташаванда барои гузаронидани экспертиза ташкилоти мустақили экспертиро ҷалб карда бошад, маблағи хароҷот барои пардохтани ҳаққи хизматрасонӣ ба ҷуброни маблағи суғуртавӣ ҳамроҳ карда мешавад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

14.1. Агар чизи дигаре дар Шартномаи суғуртавӣ оварда нашуда бошад, зарарҳои бевосита ва ё бавоситаи бо сабабҳои зерин бамиёномада ҷуброн карда намешаванд:

- ба истифодабарӣ даровардан, худи истифодабарӣ, хизматрасонии техникӣ ё таъмири таҷҳизоти механикӣ, электротехникӣ ё электронӣ (масалан, нуқсон бо айби ҳайати кормандони хизматрасон, аз кор мондани таҷҳизоти ченкунӣ, идоракунӣ, тақсимкунӣ ё танзимкунанда, норасоии об, равған ва маводи молиданӣ);
- фарсудашавии оддӣ ё кӯҳнашавӣ;
- зангзанӣ;
- таъсири одии шароити боду ҳаво, ки бояд бо шароитҳои мавсимӣ ва маҳаллӣ ба назар гирифта шавад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- тағйирёбии ранг, бӯй, вазн; шиштан, поён фаромадан, кандашавӣ, фушурдашавӣ ё васеъшавӣ;
- аз дохил вайрон шудан, вайронкунӣ, пӯсидан, таъсири микроорганизмҳо, ҳайвонот ё наботот;
- бо хусусиятҳои табии молу мулк;
- нисбат ба Қоида зарар, аз ҷумла, минбаъда ба гурӯҳи молу мулк расонидашуда, ки таъсири бевоситаи хавфи дар Қоида ҷуброн карда намешавад. Ба зарари минбаъдаи ба гурӯҳи дигари молу мулк расонидашуда ҷуброн карда мешавад, агар бевосита аз моддаи мазкур бароварда нашуда бошад. Мутобиқи банди мазкур гурӯҳҳои зерини молу мулк баррасӣ мешавад: бино ва иншоотҳо; мошинҳо ва таҷҳизот; мол ва захираҳо; мебел ва асбобу анҷоми хоҷагидорӣ;
- таҳвилдиҳӣ ва талафоти энергия;
- шикастан бо сабаби нодуруст истифода бурдан ё муваққатан аз кор мондани конденсионерҳои ҳаво, системаҳои хунуккунӣ ва гармкунии молу мулк, инчунин системаи нигоҳдории микроиқлим;
- амалиёт бо генҳо, мутатсияи (тағйирёбии табиӣ ва ё сунъии хусусияти ирсии организм, ки дар натиҷаи дигаргуншавӣ ва ё вайроншавии хромасомаҳо ва генҳо ба вуҷуд меояд) генҳо ё тағйиротҳои дигари генӣ;
- хушкӣ ва хушкшавӣ;
- коркард ва аз нав кор карда баромадан;
- пасту баландшавии шиддат дар шабака;
- туршшуда ҷӯшидан ё вайроншавии экзотермӣ;
- зада баромадани гудохтаҳои тафсондашуда.

14.2. Вайронкунӣ ё несту нобуд кардани молу мулки суғурташуда, ки дар натиҷаи бе тартибиҳои шаҳрвандӣ ба вуҷуд омадааст, ҳодисаи суғуртавӣ ба ҳисоб намеравад.

14.3. Илова бар истисноҳои дар боло нишондодашуда ҳодисаҳои суғуртавӣ бевосита ё бавоситаи алоқаманд бо:

– ҷанг, бо ҷанг зада даромадан, амалиётҳои давлатҳои ғараздор (новобаста аз он, ки ҷанг эълон шудааст ё не) ҷанги шаҳрвандӣ, шӯриш, инқилоб, исён;

– кашида гирифтан, милликунонӣ, реквизитсия (маҷбуран ба ихтиёри давлат муваққатан мусодира карда шудани молу мулки хусусӣ ё барои истифодаи муваққатӣ гирифтани он), вайронкунӣ ё несту нобуд кардани молу мулк бо супориши мақомади ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти роҳбарии маҳаллӣ;

– бо терроризм, гирифтани гаравгонон ё вайронкорӣ (диверсия) (мутобиқи моддаҳои 179, 181, ва 309 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Хавфи терроризм (моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо созишномаи махсуси Тарафҳо суғурта шуда метавонад. Ин бояд дар шартномаи суғурта нишон дода шуда бошад.;

– корпартоӣ, локаут (аз тарафи кордиҳанда баста шудани корхонаҳо ва ба тарзи оммавӣ аз кор холӣ карда шудани коргарон, бо мақсади он, ки онҳо аз талаботашон даст кашанд), бетартибиҳои оммавӣ (моддаи 188 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), агар чизи дигаре дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад;

– рафтори бадқасдонаи Суғурташаванда ё фроидагиранда дар шахсияти роҳбари он (шахси кафолатнок), мақомоти дигари роҳбарии шахси ҳуқуқӣ (Идора, Дирексия),



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

инчунин шахсоне, ки гарчанде аз номи худ бошанд ҳам, лек бо розигӣ ва ба манфиати Суғурташаванда амал кардаанд;

– ҳамагуна ифлосшавӣ ё заҳролудшавӣ бо мавод ва моддаҳои ядроӣ, химиявӣ, биологӣ;

– таъсири энергияи ядроӣ, радиатсия ё заҳродлушавии радиоактивӣ;

– бо хатогӣ дар таҳррезӣ, сохтмон, васлкунӣ, бе сифат иҷро намудани кор ё бо нуқсонҳои (камбудиҳои) маснуот;

– амалҳои мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияи ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ки бавосита ё бевосита ба вайроншавӣ, несту нобудшавӣ, гум шудани (аз ҷумла дар натиҷаи дуздӣ) молу мулки суғурташуда, ҳодисаи суғуртавӣ ҳисоб карда намешавад.

14.4. Зарари ба бинои (иншоот) дар раванди сохтмонбуда биноҳо ва молу мулки истифоданабаранда, ки дар ин бино ҷойгир аст, ходисаи суғуртавӣ ҳисоб намеёбад.

## 15. ФРАНШИЗА

15.1. Дар Шартномаи суғуртавӣ франшиза (шартӣ ва ғайришартӣ) пешбинӣ шуда метавонад.

Ҳангоми франшизаи шартӣ Суғуртакунанда аз ҷавобгарӣ барои зарар, агар он аз ҳаҷми франшиза зиёд набошад, озод карда мешавад.

Ҳангоми франшизаи ғайришартӣ ҷавобгарии Суғуртакунанда бо ҳаҷми зарар ками франшиза муайян карда мешавад. Франшиза бо ризоияти тарафҳо ҳангоми ба имзо расонидани Шартномаи суғурта бо дарсад нисбат ба маблағи суғуртавӣ ё бузургии мутлақи он муайян карда мешавад.

15.2. Ҳамагуна меъёри ҷавобгарӣ аз рӯи Шартнома суғурта, зиёда аз маблағи франшиза, ки ба маблағи меъёри ҷавобгарии Суғуртакунанда дохил намешавад, муқарар карда мешавад.

15.3. Франшиза ба ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ таъин карда мешавад. Агар якчанд ҳодисаи суғуртавӣ фаро расад, маблағи франшиза аз рӯи ҳар кадоми он нигоҳ дошта мешавад.

15.4. Истифодабарии франшиза метавонад омили таъсиррасон ба поёнравии тарифи суғуртавӣ аз ҳисоби истифода бурдани коэффитсиентҳои ислоҳкунӣ, ғайр аз ҳолатҳое, ки истифодабарии франшиза шарти ҳатмии қабули хавф барои суғуртакунӣ мебошад.

## 16. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

16.1. Баҳсҳо оид ба Шартномаи суғурта байни Суғурташаванда ва Суғуртакунанда бо роҳи музокирот сурат мегирад, ҳангоми ба мақсад нарасидан – бо тартиби дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҳал карда мешаванд.

## 17. ШАРТҲОИ МАХСУС

17.1. Мувофиқи Қоидаи мазкур дар шартномаи суғурта бо созиши тарафҳо метавонад шартҳои махсус (шарҳи суғуртавӣ, муайянкунӣ, истиснокуни ва ғ) аз шароитҳои Қоидаи мазкур фарққунанда, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат наменамояд, илова карда мешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT